Замима ба қарори Раёсати
Бонки миллии Тоҷикистон
аз «__» _______ с. 2022, №___

Тағйирот ба Дастуруламали №150 «Дар бораи тартиби гузаронидани амалиёти сейфӣ аз ҷониби бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон»

Ба Дастуруламали №150 «Дар бораи тартиби гузаронидани амалиёти сейфӣ аз ҷониби бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» тағйироти зерин ворид карда шаванд:

1. Дар ном, тамоми матн ва замимаҳо калимаҳои «ДАСТУРУЛАМАЛИ», «Дастуруламал», «Дастуруламали» ва «*Дастуруламал*» мувофиқан ба калимаҳои «ДАСТУРАМАЛИ», «Дастурамал», «Дастурамали» ва «*Дастурамал*» иваз карда шаванд.

2. Муқаддима дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«Дастурамали №150 «Дар бораи гузаронидани амалиёти сейфӣ аз ҷониби бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» (минбаъд - Дастурамал) мутобиқи қисми 5 моддаи 42 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон” ва қисми 3 моддаи 3 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти бонкӣ” таҳия шудааст.».

3. Банди 2.10 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«**2.10.** Ҳангоми дар бонк ба ҳисоб гирифтани пардохти ҳаққи хизматрасонӣ интиқолияҳои зерини ҳисобдорӣ анҷом дода мешаванд:

Ҳангоми бо пули накд пардохт кардани ҳаққи хизматрасонӣ:

**ДЕБИТ** - «Касса –пули миллӣ» (ҳисоби 10101)
**КРЕДИТ** - «Даромад аз ҳаққи хизмати (комиссияи) ташкилот» (ҳисоби 40402)

Ҳангоми пардохт кардани ҳаққи хизматрасонӣ ба воситаи интиқоли маблағ дар дохили бонк:
**ДЕБИТ** - «Амонатҳои дархостии резидентҳо – пули миллӣ» (ҳисоби 20202)
**КРЕДИТ** - «Даромад аз ҳаққи хизмати (комиссияи) ташкилот» (ҳисоби 40402)

Ҳангоми пардохт кардани ҳаққи хизматрасонӣ ба воситаи интиқоли маблағ аз дигар бонк:
**ДЕБИТ** - «Суратҳисоби муросилотӣ дар БМТ – пули миллӣ» (ҳисоби 10301)
**КРЕДИТ** - «Даромад аз ҳаққи хизмати (комиссияи) ташкилот» (ҳисоби 40402)

**ДЕБИТ** - «Суратҳисобҳои муросилотии бонкҳо дар Тоҷикистон – пули миллӣ» (ҳисоби 10501)
**КРЕДИТ** - «Даромад аз ҳаққи хизмати (комиссияи) ташкилот» (ҳисоби 40402)

**ДЕБИТ** - «Суратҳисобҳои муросилотии бонкҳо дар хориҷа – пули миллӣ» (ҳисоби 10507)
**КРЕДИТ** - «Даромад аз ҳаққи хизмати (комиссияи) ташкилот» (ҳисоби 40402)».

4. Дар матни замимаҳои Дастуруламал рақами «200» ба рақами «20» иваз карда шавад.